# АННОТАТСИЯ

**ба рисолаи номзадии Негматова Шоҳида Ғуфроновна**
**“Рушди хоҷагии хонаводагӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”**

**Калидвожаҳо:** хоҷагии хонаводагӣ, иқтисодиёти хоҷагии хонаводагӣ, даромад ва хароҷоти хоҷагии хонаводагӣ, сармояи инсонӣ, минтақа, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, бахши истеъмолии иқтисод, буҷети оила, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, рафтори хоҷагии хонаводагӣ, иқтидори меҳнатӣ, иқтидори амволӣ, пасандоз, захираҳои иқтисодӣ, шумораи миёнаи кормандон дар як сол, бекорон, некӯаҳволии аҳолӣ

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити дигаргунсозиҳои иқтисодӣ нақши иқтисоди хоҷагиҳои хонаводагӣ ҳамчун воҳиди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад. Ин аз рушду фаъолгардии вазифаҳои иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ, ба монанди хоҷагиҳои шахсии ёрирасон, меҳнати инфиродӣ ва соҳибкорӣ, бизнеси оилавӣ, хонакорӣ, ҳунармандӣ, хоҷагии деҳқонӣ, фермадорӣ, ки фаъолияташон ба меҳнати хонаводагӣ асос меёбад, шаҳодат медиҳад. Яъне хоҷагиҳои хонаводагӣ иқтисодиётро бо омилҳои истеҳсолӣ таъмин намуда, онҳоро ба бозори захираҳо пешкаш менамоянд, даромад мегиранд ва барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аъзои хонавода мол ва хидматҳо харидорӣ мекунанд. Хоҷагиҳои хонаводагӣ инчунин истеҳсол ва таҷдиди “сармояи инсонӣ” - ро таъмин менамоянд, пасандозҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ бошад манбаи пасандоз ва сармоягузорӣ мебошанд, ки дар шароити иқтисодиёти рӯ ба тараққӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад.

**Объекти таҳқиқотро** рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар раванди ташаккул ва рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоии минтақа ба амал меоянд.

**Мақсади таҳқиқот** коркарди ҷанбаҳои назариявию амалии хоҷагиҳои хонаводагӣ, асоснок намудани махсусияти фаъолияти онҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, таҳияи тадбирҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар иқтисодиёти минтақа мебошад.

**Навоварии таҳқиқот** дар таҳияи ҷанбаҳои назариявию методии инкишофи хоҷагиҳои хонаводагӣ, коркарди чорабиниҳо оид ба такмили фаъолияти онҳо барои ба даст овардани рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ифода меёбад.